«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода н. и. п.,
дотсент ____________ Раҷабзода Маҳмадулло
«___» ____________ соли 2020

**Тақризи**

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Фаттона Бадахш дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Баррасии табодул ва таомули адабӣ дар миёни кишварҳои форсизабон, ба вижа Тоҷикистону Афғонистон, аз мавзӯоти ҷолиб ва шоистаи таҳқиқ аст. Ин ду кишвар аз қадимулайём пайванди динӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва таърихии наздик ба ҳам доштаанд. Адабиёти тоҷик бахше аз адабиёти куҳансол ва ғании забони форсӣ аст, ки дар сарзамини Фарорӯд, ба вижа Тоҷикистон, реша давондааст. Ин минтақа, ки аз сарзамини шеър ва адаби ориёӣ буд, дар қарни шонздаҳуми мелодӣ аз пайкараи воҳиди Эрон ва Афғонистон ҷудо шуд ва робитаҳои сиёсиву фарҳангии Эрону Афғонистон ва Тоҷикистон гусаста гардид. Дар нимаи дувуми садаи Х1Х-и мелодӣ Русия ин минтақаро тасарруф карда, дар даврони Шӯравӣ ин қитъа ба ҷузъи ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ворид гардид. Бинобар ин, форсизабонони ин минтақа дар масири таърихӣ ба таври ҷудогона қарор гирифтанд ва забону адабиёти он ҳам, аз он чи ки дар Эрону Афғонистон дида мешавад, то андозае фарқ кард. Аммо, бо вуҷуди ин, адабиёт ва фарҳанги ин ду сарзамин ҳамвора бар якдигар таъсир доштанд. Чанд гоҳе монеаҳо дар робитаҳои адабии манотиқи форсизабонон пеш омада буд, вале баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва истиқлол пайдо кардани Тоҷикистон риштаҳои пайванди форсизабонон аз нав барқарор ва густариш ёфт.

Мубрамияти ҳамин нуктаҳо боиси мавриди таҳқиқоти диссертатсияи Фаттона Бадахш таҳти унвони «Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ » гардидааст. Муҳиммияти мавзӯи рисола дар он аст, ки қиёсан баррасӣ намудани эҷодиёти Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ аз лиҳози ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, ба

вижа анвои шеърӣ, хусусиятҳои асосӣ ва шабоҳатҳои мавзӯӣ ва мундариҷавии ғазалиёт, мақом ва ҷойгоҳи ғазал дар ашъори онҳо, достон ва таҳаввули сохтории он дар ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ, сабк ва хусусиятҳои бадеии ашъори онҳо дар адабиётшиносии Тоҷикистону Афғонистон бори аввал ба миён гузошта шуда, таҳқиқи нав аст.

Ба ҳамин тартиб, мақсади асосии таҳқиқ, қабл аз ҳама ба мубрамияти мавзӯъ рабт дошта, ҳамзамон, дар рисола ҷойгоҳ ва мақоми Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ дар таърихи адабиёти муосири ду кишвар-Тоҷикистону Афғонистон, пеш аз ҳама, дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри ин кишварҳо хеле муҳим ва бо аҳамият нишон дода шуда, хусусиятҳои хоси дидгоҳҳои онҳо, ба вижа рӯйдодҳои зиндагӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар осори онҳо муайян карда шудааст. Ин ду адиби донишманду муфаззал бо он ки аз шоирони машҳур ба ҳисоб меоянд, мутаассифона, баррасии қиёсии эҷодиёти онҳо мавриди пажӯҳишҳои амиқ ва ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Ҳол он ки чеҳраи хоси шоирии онҳо ифодагари як давраи муҳимми таҳаввулоти мундариҷавӣ ва шаклии шеъри имрӯз буда, муайян намудани хусусиятҳои фардии эҷодӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар ҷараёни адабӣ, пеш аз ҳама шинохт ва арзёбии хусусияти идроки бадеӣ ва усули ҷаҳоншиносии онҳо мебошад. Дар баробари ин, дар мавридҳои ҷудогона масъалаи вижагиҳои нотакрори эҷодии ин адибон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, ки муҳиммияти илмию назарии диссертатсияро боло бурдааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он дида мешавад, ки рисолаи мазкур дар адабиётшиносии Тоҷикистону Афғонистон нахустин таҳқиқоти илмӣ оид ба баррасии ҷанбаҳои таърихӣ-иҷтимоии осори Восифи Бохтарӣ ва Муъмин Қаноат, махсусан дар анвои шеърӣ, мақом ва ҷойгоҳи ғазал дар ашъори эшон, достон ва таҳаввули сохтории он, забон ва тарзи баён, вазн, қофия, радиф, хусусиятҳои бадеӣ, умумият ва тафовут дар мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори онҳо ихтисос дода шуда, мавриди баррасии қиёсӣ қарор гирифтаанд.

**Арзиши назарӣ ва амалии рисола** дар он мунъакис мегардад, ки он ба сифати нахустин пажӯҳиш ва баррасии муфассали илмӣ маҳсуб ёфта, ҳангоми пажӯҳиш ва таҳқиқи паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ ба

унвонҷӯёну муҳаққиқон ёрӣ расонида, мавод ва хулосаҳои рисоларо ҳангоми таълифи китобҳои дарсии мактабҳои миёна ва олӣ, асарҳои илмӣ, дастурҳои таълимӣ метавон истифода кард. Ҳамчунин, рисола дар таълими фанҳои таърихи адабиёти форсӣ (эронӣ, тоҷику афғон), таърихи робитаҳои адабӣ, таърихи тарҷума, семинар ва курсҳои тахассусӣ, таълифи рисолаҳои хатми бакалавриату магистрӣ, иншои рефератҳо ба устодон, шогирдону магистрантон ва докторантони донишгоҳу донишкадаҳои Тоҷикистону Афғонистон ва Эрон мусоидат карда метавонад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боби иборат аз фаслҳои мутаносибан мантиқию пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда, навгониҳои таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва татбиқи натиҷаи таҳқиқот муаррифӣ карда шудааст.

Боби якуми рисола «Баррасии ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоии осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ» унвон дошта, аз чор фасл фароҳам омадааст.

Фасли аввал «Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоии осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ» ном гирифта, ҷанбаҳои таърихии ашъори ин ду шоир- Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ, ки дарди муштарак дошта, ҳар ду посдори забон ва адабиёт дар кишварҳои хеш будаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Фасли дувум «Накд ва баррасии мақоми зан дар ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳлили муқоисавӣ) номгузорӣ гардида, дар ин фасл накд ва баррасии вазъияти ҷойгоҳи занон дар сохтори иҷтимоӣ ҳамчун бахши азиме аз нерӯи фаъолу созандаи ҷомеа ва аз аҳамияти бисёре бархурдор нишон дода шудааст.

Фасли сеюми боби аввал «Анвои шеърӣ дар эҷодиёти Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ» номгузорӣ шуда, масъалаҳои эҷоди шеъри Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муъмин Қаноат аз шоирони ҷадидафкор ва тозагуфтори адабиёти тоҷик аст ва яке аз оғозгарони

шеъри озод дар Тоҷикистон мебошад. Вай дар ҳама қолабҳои классикӣ бо таъғйироте дар шакл ва муҳтаво ба шеваҳои нав қувваозмоӣ карда, муваффақ гаштааст. Муҳаққиқ ба таври таҳлили муқоисавӣ нишон дода тавонистааст, ки Бохтарӣ низ ҳамчун Муъмин Қаноат дар бештарин қолабҳои гуногуни шеъри порсӣ-дарӣ дар қолабҳои классикӣ ҳамчун ғазал, қасида, қитъа, маснавӣ, мусаммат, дубайтӣ, чорпора, рубоӣ, себайтӣ ва чӣ дар қолабҳои нав ҳамчун нимоӣ ва сафед табъ озмудааст.

Фасли чорум «Устура ва дигар ҷанбаҳои ҳамгунии осори ин ду шоир» унвон дошта, дар ин фасл таъкид гардидааст, ки устура дар шеър авҷи барозандагӣ ва маъниофаринӣ мебошад. Устура шеърро ҷолиб ва ширин месозад ва бозтобгари андешаи шоир дар шеър аст. Бо овардани устура дар шеър, калом рангу бӯи фалсафиро ба худ гирифта, нишонгари биниши фалсафии шоир мебошад. Дар шеъри форсӣ бештар шоирон аз асотир ба сурати талмеҳ истифода кардаанд. Бо бакоргирии устураҳо шеъри шоирон дорои чанд маъно ва боиси вусъат ёфтани умқи маъноии онҳо мегардад.

Боби дуюми рисола «Шабоҳатҳо ва тафовутҳои сохторӣ ва ғоявии ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ» ном дошта, долрои се зерфасл мебошад.

Фасли аввали боби дувум «Ҳамгунӣ ва ноҳамгуниҳо (шабоҳатҳо ва тафовутҳо)-и сохторӣ ва ғоявии ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ» ном гирифтааст. Аз муҳтавои ашъори Бохтарӣ ва Муъмин Қаноат маълум мегардад, ки онҳо дар шаклҳои классикиву нав сухансароӣ кардаанд. Осорашон шомили шеър ва достон мебошад. Ин шаклҳо сохторҳои мутафовуте доранд. Шеъри классикӣ сохтор ва шакли худро дорад. Фасли дуюми ин боб – «Мақом ва ҷойгоҳи ғазал дар ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ» унвон дошта, дар бобати зарурати таҳлили хусусият ва мавқею мақоми ғазал дар эҷодиёти Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ, ки яке аз мавзӯоти меҳварӣ ба шумор меравад, маълумоти мушаххаси илмӣ медиҳад. Дар фасли сеюми боби дуввум таҳти унвони «Достон ва таҳаввули сохтории он дар ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ», ки яке аз масъалаҳои муҳим дар ашъори эшон маҳсуб меёбад, истифода ва корбасти куҳантарин ва қавитарин шакли шеърии суннатӣ – достон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Таъкид мешавад, ки

Муъмин Қаноат бузургтарин ва бемонандтарин достонпардоз дар адабиёти қарни бистуми тоҷик маҳсуб меёбад Боби сеюми рисола «Таҳқиқи қиёсии ҳунари шоирии Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ» унвон дошта, дар он забон ва тарзи баён, вазн, қофия, радиф ва хусусиятҳои бадеии ашъори онҳо ба таҳқиқ гирифта шудаанд.

Дар фасли аввали боби сеюм - «Забон ва тарзи баён» муҳимтарин вижагиҳои забонӣ ва тарзи баёни Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Фасли дувуми боби сеюми рисола «Символ ё намод дар ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ» номгузорӣ шудааст. Забон ва баёни рамзӣ махсусияти эҷодии Бохтарӣ ва аз барҷастагиҳои шоирии ӯ шумурда шудааст. Дар бештари ашъораш, хусусан, дар шеърҳои нимоӣ шоир аз ин шева барои намоён сохтани рӯйдодҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва ҳодисаҳои таърихӣ ва ғайра суд бурда, вижагиҳои ашъорашро намоиш дода тавонистааст. Дар ин фасл забону тарзи баён ва пироиши тасвирии шоири фарҳехтаи тоҷик Муъмин Қаноат низ дар муқоиса ба таҳқиқ гирифта шудааст. Чунин нуктаи муҳимми эҷодиро муҳаққиқ басо борикбинона дар рисолаи хеш мавриди баррасӣ ва таҳлилу тадқиқ қарор додааст.

Фасли сеюми боби сеюм- «Хусусиятҳои бадеии ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ» ном гирифта, дар он ҷанбаҳои балоғӣ ё вижагиҳои ҳунарӣ, ки матни оддиро ба матни адабӣ табдил мекунанд, ҳамчун истифодаи пурҳунаронаи техникаи корбурди забону ҳунари эҷодӣ баҳри аз такмаъноӣ ва содасароӣ хориҷ ва ба сӯи адабият ва чандмаъноӣ бурда расонидани асари мукаммал нишон дода мешаванд.

Дар фасли чоруми боби сеюм, ки «Вазн, қофия ва радиф дар ашъори ҳарду шоир» унвон гирифтааст, таъкид гардидааст, ки таваҷҷуҳ ба масъалаи вазн дар шеър собиқаи тӯлонӣ дорад. Дар забони форсии дарӣ адибон ва шеършиносон аз қадим ба аҳамияти ин масъала таваҷҷуҳ кардаанд. Бохтариро метавон яке аз арӯздонони муваффақ дар сатҳи минтақа донист. Вай аз он шоирон ва шеършиносоне аст, ки вазни шеърро ба хубӣ медонад ва дар ин замина устод аст. Муҳаққиқ барҳақ ишора дорад, ки интихоби вазни муносиб яке аз асилтарин ва асоситарин рукнҳо дар коргоҳи шоир Муъмин Қаноат низ мебошад. Вай вазнро

мутобиқи мазмун ва муҳтавои асар интихоб карда, назар ба ҳолатҳои рӯҳии хеш ва тақозои асар вазни мувофиқро ба кор мебарад. Баҳрҳои пуркорбурд дар шеърҳои Муъмин Қаноат - баҳрҳои мутақориб, ҳазаҷ, раҷаз ва рамал аст. Баҳри мутақориб дар ҳама давраи шоирии ӯ чӣ дар шеър ва чӣ дар достонҳо мавриди истифода қарор гирифтааст. Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ бо ин ки шоирони навгаро дар арсаи шеъри нав мебошанд, бо он ҳам қофияву радиф яке аз унсурҳои муҳимми шеъри онҳо ба шумор рафта, аз муҳиммоти сурудаҳои онҳо маҳсуб мешаванд. Метавон гуфт, ки Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ ба аҳамияти қофия ва радиф таъкид дошта, онро ҳам аз ҷиҳати маъноӣ ва ҳам аз ҷиҳати мусиқавӣ ба кор бурдаанд.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ натиҷаи баррасии муқоисавии осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ, шабоҳат ва тафовутҳои эҷодии ба таҳқиқ гирифтаи ин ду адиби бориксанҷро ба таври мушаххасу дақиқ ва муқоисаҳои илмӣ хулосабарорӣ намудааст.

Дар баробари комёбиҳои ҷолибу арзишманди илмӣ дар рисола баъзе нуктаҳои баҳснок ва ислоҳталаб ба мушоҳида мерасанд, ки онҳоро ба тартиби зайл баён менамоем:

1. Нигоҳи интиқодии муаллифи рисола ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ камрангтар ба назар мерасад, ки дар сурати ислоҳи он имкони беҳтар рӯнамо кардани тарзи муқоисавии масъалаҳои мубрами адабиёти бадеии тоҷику афғон ба даст меояд.

2. Хулосаи илмии баъзе фаслу бобҳо гоҳо номукаммал ба назар мерасанд, ки дар мавриди комилгардии онҳо ҷанбаи таҳлилӣ ва муқоисавии рисола пурқувват мегардад.

3. Дар саҳифаҳои гуногуни рисола ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати рисолаи илмиро беҳтар хоҳад намуд.

4. Дар баъзе фаслҳо забони илмии муҳаққиқ ба забони адабӣ наздиктар шудааст.

Аммо нуктаҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, ба сабукӣ ислоҳи худро мeёбанд ва онҳо ҳусни илмии рисоларо намекоҳонанд.

Метавон хулоса кард, ки рисолаи Фаттона Бадахш дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ» ба меъёрҳо ва талаботи корҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода дар таърихи 01. 08. с. 2020, қарори № 1 бо иштироки диссертант Фаттона Бадахш муҳокима гардид.

Иштирок доштанд: 14 нафар, натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-14 нафар, зид-нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Шамсов Н. С.**

**Котиби ҷаласа:**
**Номзади илмҳои филологӣ:** **Боев Ш. Э.**

**Ташхисгар:**
**д. и. ф., профессори кафедра** **Давлатбеков Л. М.**

**Имзои Шамсов Н. С., Боев Ш. Э. ва Давлатбеков Л. М.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода** **Наҷмуддинов Ш. М.**

**734019, ш.Душанбе, хиёбони Ф.Муҳаммадиев 17/6., тел.(+992 37) 232-50-00;**
**E-mail: shamsov1960@mail.ru.**